# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримова Дилором Отахӯҷаевна дар мавзӯи «Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ (дар заминаи матнҳои тахассусӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ)) пешниҳод шудааст.**

Кори илмӣ-тахқиқии Каримова Дилором Отахӯҷаевна зери унвони «Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ (дар заминаи матнҳои тахассусӣ)»-ро дар раванди имрӯз ҳам аз нигоҳи мавзуъ ва ҳам аз лиҳози маводи пажӯҳишӣ иқдоми назаррасу ҷолиб маънидод намудан мумкин аст. Аз маълумоти дар автореферат дарҷшуда бармеояд, ки диссертатсияи Каримова Д. аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, ду боб, ҳашт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёту нашри таълифоти илмӣ доир ба мавзуъ фароҳам омадааст.

Муҳаққиқ дар муқаддимаи автореферати диссертатсия вазифаҳо, муҳиммияти мавзуъ ва шеваю усулҳои таҳқиқро баён кардааст. Муаллиф бори нахуст дар илми лингводидактикаи ватанӣ коркарди асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикиро дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар робита бо илмҳои лингвистика, педагогика, психология ва дидактика ба амал овардааст. Аз ҷумла, таълими забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳқиқи ҳамаҷонибаи худро ёфта, ба моҳияти аслии муносибати босалоҳият ба таълим равшанӣ андохта ва мушкилот дар самти татбиқи амалии муносибати босалоҳият ба таълим ошкор гардидаст. Ҳамчунин системаи машқҳо ва матнҳои тахассусӣ барои донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ (ихтисоси "Таърих ва ҳуқуқ") дар робита ба ташаккули малакаҳои коммуникативӣ-иртиботӣ ва нутқи мураттаб пешниҳод гардидаст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки ҷусторҳои фардии матн ҳамчун категорияи лингвистӣ ва методӣ тафсири комил ёфта, дар партави муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ таҳқиқ гардад. Собит гардид, ки лингвистикаи матн ҳамчун соҳаи илми ҷудогона бо ҳадафҳо ва вазифаи аслии хеш – муайян намудани моҳият ва асосҳои фароҳам овардани шарту шароити муошırату муомилоти байниинсонӣ ба иҷрои асолатҳо ва риояи принсипҳои муҳимми дидактикӣ–иттилоотӣ, тарбиявӣ, рушдёбӣ ва таҳлилӣ-ҷамъбастӣ мақоми хосро ба иҷро мерасонад.

Тавсиф ва ҷамъбасти натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар самти ташаккули салоҳиятмандӣ ва фарҳанги нутқи донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ собит кард, ки дар заминаи матнҳои тахассусӣ донишҷӯён ба фазои салоҳияти забонӣ ва коммуникативӣ дар сатҳи талаботи стандартҳои фаннӣ ва барномаи таълимӣ хубтар ва амиқтар ворид мешаванд. Зимни амсилаи таълимии пешниҳодшуда пешравӣ ва салоҳиятмандии муҳассилин дар муқоиса ба таълими анъанавии забони тоҷикӣ баргузида эътироф шуда, татбиқи он дар асоси матнҳои тахассусӣ мусбат арзёбӣ шудааст.

Боби аввал «Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълим» номгузорӣ шуда, дар фасли аввал « Забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ ва фанни таълимӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» таҳқиқи асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ, минҷумла, бозёфти роҳу усулҳои ташаккули фарҳанги нутқи донишҷӯён дар заминаи матнҳои тахассусӣ (ихтисоси «Таърих ва ҳуқуқ») ба иҷро расонидаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар фасли дуюм «Мазмун ва мундариҷаи асосии таълими фанни забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ» мушаххас намудани мазмун ва мундариҷаи таълими фанни забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ аз нигоҳи хусусиятҳои лексикӣ, грамматикӣ ва матни таълимии тахассусӣ, мӯшикофона таҳқиқ шудааст.

Боби дуюм «Муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ ва низоми ташаккули фарҳанги нутқ дар асоси матнҳои тахассусӣ дар факултетҳои ғайрифилологии макотиби олии ҷумҳурӣ» ном гирифта, муаллиф ба муайян кардани асосҳои илмӣ-методии ташаккули фарҳанги нутқи донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ аз забони тоҷикиро роҳандозӣ кардааст. Дар ин росто матн ҳамчун категорияи лингвистӣ ва методӣ дар партави таъмини муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ эътироф пайдо карда,тавассути системаи машқҳо ва матнҳои тахассусӣ ба рушди салоҳиятмандии муҳассилини риштаи ғайрифилологӣ тақвият мебахшад.

Фаслу бобҳои фишурдаи рисола аз лиҳози мазмуну муҳтаво ҳамдигарро такмил дода, қисмати хулоса бардоштҳои илмию методии муаллифро аз омӯзиши мавзуъ фаро мегирад.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсия бармеояд, ки он бо сабки хуби илмӣ иншо шуда, муаллиф ба вазифаҳои дар назди худ гузошта комёб гардидааст.

Дар баробари ҳамаи ин дастовардҳо аз автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки дар он бархе камбудиҳои техникӣ роҳ ёфта, аммо ҳаргиз сатҳи илмии кори таҳқиқиро коҳиш намедиҳанд. Умедворем, бо таҳрири ин камбудиҳои ҷузъӣ муҳассаноти кори илмӣ меафзоянд.

Автореферат ва диссертатсияи Каримова Дилором Отахӯҷаевна зери унвони « Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ (дар заминаи матнҳои тахассусӣ)» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта маҳсуб гардида, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ)) мебошад.

Муқарриз
доктор илми филология, дотсенти
кафедраи забоншиносии
Донишгоҳи давлатии Фарғона Ҳ. Дӯстматов